## Шарҳи моҳонаи таваррум • Сентябри 2022

**Дар моҳи сентябри соли 2022 сатҳи нархҳо[1] ба монанди моҳи гузашта раванди коҳишёбӣ дошта, -0,3 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли қаблӣ 0,7 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда пастравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби коҳишёбии нархи маҳсулоти хӯроквориӣ -0,6 фоиз (саҳм дар таваррум -0,3 б.ф.) ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ -0,1 фоиз (бо саҳми ночиз) ба амал омад. Ҳамзамон, дар ин давра нархи молҳои ғайрихӯроквориӣ 0,1 фоиз (0,04 б.ф.) раванди болоравӣ доштанд.

Дар сохтори маҳсулоти хӯроквориӣ бештар коҳишёбӣ дар нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили орди навъи якум 3,0 фоиз, равғани пахта 4,4 фоиз, равғани офтобпараст 3,6 фоиз, шакар 1,6 фоиз, себ 4,6 фоиз, ангур 8,6 фоиз, пиёз 7,4 фоиз ва ғайра ба назар расид.

Аз молҳои ғайрихӯроквориӣ бошад, дар моҳи ҳисоботӣ бештар болоравии нархи масолеҳи таъмир ва сохтмон 0,4 фоиз, маводи доруворӣ 1,4 фоиз ва шустушӯй 1,5 фоиз мушоҳида гардид.

Намояи нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулакие, ки ба аҳолӣ расонида мешаванд, дар моҳи сентябри соли ҷорӣ -0,1 фоиз раванди коҳишёбӣ дошт. Ба ин раванд бештар арзоншавии нархи хизматрасонҳои газ 0,9 фоиз ва маориф 0,1 фоиз мусоидат намуд.

Дар моҳи сентябри соли ҷорӣ тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар кишварҳои минтақа, аз ҷумла Туркия 3,1 фоиз, Қазоқистон 1,8 фоиз, Ӯзбекистон 1,0 фоиз, Белорус 0,9 фоиз, Гурҷистон 0,8 фоиз, Арманистон 0,6 фоиз ва Қирғизистон 0,2 фоизро ташкил намуд.

**Таваррӯми солона дар моҳи сентябри соли 2022 ба 5,7 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 3,9 б.ф. кам мебошад.**

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи орди навъи якум ва шакар, бо %, моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Сатҳи таварруми солона дар ин давра дар кишварҳои минтақа, аз ҷумла Туркия 83,5 фоиз, Белорус 17,4 фоиз, Русия 13,7 фоиз, Қазоқистон 17,7 фоиз, Қирғизистон 15,5 фоиз, Ӯзбекистон 12,2 фоиз, Гурҷистон 11,5 фоиз ва Арманистон 9,9 фоизро ташкил менамояд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи сентябри соли ҷорӣ 0,2 фоиз, бо арзёбии солона бошад, ба 2,8 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар болоравии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ ва маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ мусоидат намуд.

**Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум баҳри ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда бо истифода аз фишангҳои монетарӣ минбаъд низ идома хоҳад дод.**

**Сатҳи таваррум дар минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳои дахлдор)

| Кишварҳо | Таварруми моҳона (сентябр 2022) | Таваррум янв.-сен. с.2022 | Таварруми солона (сентябр с.2022) |
|---|---|---|---|
| Туркия | 3,1 | 52,4 | 83,5 |
| Қазоқистон | 1,8 | 15,4 | 17,7 |
| Ӯзбекистон | 1,0 | 8,1 | 12,2 |
| Белорус | 0,9 | 14,8 | 17,4 |
| Гурҷистон | 0,8 | 9,1 | 11,5 |
| Арманистон | 0,6 | 5,7 | 9,9 |
| Қирғизистон | 0,2 | 10,6 | 15,5 |
| Русия | 0,05 | 10,5 | 13,7 |
| **Тоҷикистон** | **-0,3** | **3,1** | **5,7** |

**Таварруми аслии солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | | | | 2022 | | | | | | | | | Сентябр тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **9,9** | **9,0** | **9,6** | **8,0** | **7,8** | **7,1** | **7,3** | **7,3** | **7,5** | **8,3** | **8,3** | **6,5** | **5,7** | **-0,3** |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **13,5** | **10,9** | **11,0** | **7,5** | **6,8** | **6,4** | **7,2** | **7,5** | **7,5** | **9,6** | **9,7** | **8,0** | **7,9** | **-0,6** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,8 | 10,4 | -3,7 | 2,2 | 4,0 | 4,8 | 4,8 | 11,0 | 16,7 | 22,2 | 24,6 | 24,6 | 17,6 | 13,0 | -1,5 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 3,2 | 0,4 | -5,5 | -7,8 | -7,5 | -7,5 | -7,0 | -5,7 | -3,9 | -2,5 | -1,2 | -1,9 | -2,3 | 1,7 | 2,9 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 16,4 | 12,9 | -5,7 | 4,6 | 8,0 | 8,8 | 8,6 | 18,0 | 26,4 | 34,9 | 38,3 | 38,6 | 27,3 | 18,3 | -3,0 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 5,7 | 9,0 | 14,6 | 14,0 | 15,1 | 15,3 | 13,9 | 9,8 | 2,6 | 0,9 | 0,3 | -1,5 | -2,0 | -2,4 | 0,2 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 9,5 | 15,5 | 15,8 | 14,9 | 15,1 | 13,9 | 7,7 | -0,5 | -3,6 | -4,9 | -7,8 | -7,8 | -8,5 | 0,2 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | 18,9 | 43,2 | 24,2 | 11,9 | -14,4 | -24,0 | -26,3 | -21,2 | -18,6 | -24,3 | -12,1 | 2,8 | 7,9 | 17,4 | 3,6 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 4,3 | 5,6 | 6,2 | 7,9 | 8,9 | 7,7 | 9,9 | 23,6 | 21,7 | 23,6 | 23,9 | 24,1 | 22,8 | 25,4 | 3,0 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 5,6 | 10,3 | 3,1 | 8,8 | 4,3 | 4,0 | 10,6 | 15,4 | 17,0 | 18,3 | 21,3 | 16,3 | 10,9 | 11,6 | 2,1 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 51,5 | 64,3 | 58,9 | 20,8 | 20,5 | 17,3 | 12,4 | 4,2 | 4,5 | 4,3 | 2,3 | -1,3 | -2,7 | -3,4 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 4,7 | -6,4 | -9,5 | -9,7 | -6,7 | -6,6 | -6,9 | -8,3 | -5,3 | -5,2 | -6,1 | -10,5 | -11,2 | -8,8 | -3,3 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 5,8 | 5,5 | 14,1 | 11,7 | 16,4 | 11,6 | 13,4 | 6,3 | 5,4 | -3,0 | 1,8 | 3,9 | 8,1 | 14,9 | 1,4 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | 40,8 | 46,7 | 41,0 | 21,9 | 4,4 | 4,3 | 2,9 | 6,9 | 14,0 | 15,1 | 22,0 | 18,6 | 14,4 | 12,0 | -1,7 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -2,2 | 4,5 | -1,7 | 0,1 | -0,7 | 0,6 | 1,5 | 2,6 | 3,2 | 4,9 | 5,5 | 16,5 | 16,5 | 14,6 | -0,9 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **5,9** | **5,7** | **1,8** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,4** | **6,4** | **6,7** | **0,8** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **5,0** | **4,6** | **4,3** | **2,8** | **5,8** | **5,7** | **4,9** | **6,2** | **6,3** | **6,9** | **6,0** | **6,5** | **6,0** | **5,9** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,8** | **7,6** | **8,4** | **7,8** | **7,5** | **7,8** | **6,4** | **6,3** | **6,1** | **6,7** | **6,6** | **6,5** | **5,1** | **4,7** | **0,1** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,5 | 4,9 | 4,1 | 3,3 | 2,8 | 3,2 | 2,7 | 2,4 | 2,6 | 3,0 | 3,4 | 3,4 | 2,9 | 2,5 | -0,1 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 8,0 | 7,8 | 6,5 | 5,1 | 8,0 | 6,8 | 6,4 | 7,8 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 8,4 | 7,6 | 7,9 | 0,4 |
| Маводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 10,1 | 9,5 | 7,7 | 5,7 | 4,6 | 5,2 | 4,8 | 5,1 | 6,8 | 11,5 | 13,6 | 13,8 | 16,3 | 17,9 | 1,5 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 7,8 | 6,6 | -0,4 | -1,6 | -0,7 | 4,2 | 5,3 | 7,4 | 7,7 | 8,7 | 8,7 | 9,8 | 9,5 | 10,3 | 1,4 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | -6,1 | 16,8 | 56,8 | 59,4 | 63,0 | 54,6 | 40,2 | 33,2 | 24,1 | 23,0 | 18,1 | 15,4 | -0,7 | -3,8 | -2,6 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | 14,8 | 12,8 | 22,1 | 11,8 | 2,7 | 2,7 | 2,7 | 5,1 | 5,1 | 5,3 | 4,7 | 3,1 | 3,1 | 1,5 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | 3,2 | 4,3 | 4,2 | 2,9 | 2,9 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 8,8 | 9,3 | 5,6 | 5,2 | 3,7 | 4,1 | 2,8 | 3,2 | 3,4 | 3,6 | 3,1 | 3,3 | 5,1 | 4,9 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,0** | **4,1** | **5,1** | **9,3** | **11,3** | **11,5** | **11,1** | **9,9** | **9,6** | **9,4** | **8,4** | **7,8** | **4,6** | **1,3** | **-0,1** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 1,8 | 3,7 | 9,6 | 14,6 | 13,1 | 13,2 | 10,5 | 10,1 | 8,9 | 8,2 | 5,2 | 3,3 | -5,0 | -5,3 | -0,2 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 6,0 | 4,7 | 3,8 | 1,4 | -1,1 | -0,9 | -0,9 | 3,7 | 3,7 | 4,5 | 4,5 | 5,9 | 5,9 | 5,9 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 4,0 | 14,1 | 52,0 | 66,7 | 66,1 | 66,6 | 46,7 | 44,4 | 36,1 | 30,9 | 13,1 | 5,1 | -22,7 | -23,7 | -0,9 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | 3,0 | 1,5 | 1,5 | 11,2 | 22,4 | 22,4 | 24,4 | 19,5 | 19,5 | 19,6 | 19,2 | 19,5 | 19,7 | 9,3 | 0,0 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 9,0 | 9,0 | 0,6 | 0,4 | 0,1 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,6 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 9,3 | 8,8 | 8,8 | 8,7 | 7,8 | 8,2 | 8,1 | 8,2 | 8,3 | 8,3 | 8,3 | 8,3 | 8,3 | 0,7 | -0,1 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 0,4 | 0,3 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,3 | 1,0 | 1,1 | 1,6 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 6,7 | 5,9 | 5,5 | 4,1 | 1,7 | 2,8 | 3,0 | 3,2 | 3,2 | 3,4 | 4,1 | 5,0 | 5,0 | 4,5 | 0,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо